Бо карори Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон суратҷаласаи №04 аз 26 декабри соли 2016 тасдиқ карда шудааст.
Ректор ______________ Амонзода И.Т.
«___» ______________ 2016

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни «Ихтироъкори ҷавон»-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Низомномаи мазкур тартиби ташкил ва гузаронидани озмуни «Ихтироъкорони ҷавон» (минбаъд Озмун) оиди корҳои илмӣ-эҷодӣ ва муайян кардани беҳтарин ихтирооти донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва омӯзгорони ҷавонро ба танзим медарорад.

1.2 Мақсади гузаронидани озмун ҳавасмандагрдонӣ ба корҳои ихтироъкорӣ, ҷалб намудани донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва омӯзгорони ҷавон ба пешбурди фаъолияти илмии донишгоҳ ва ҳавасмандгардонии онҳо мебошад.

### 2. Ташкилкунанда ва иштирокчиёни Озмун

2.1 Озмун бо ташаббуси бевоситаи Раёсати Донишгоҳ, Департамети илм ва татбиқот ташкил ва гузаронида мешавад.

2.2 Дар Озмун ҳамаи олимону устодони ҷавон, докторантону аспирантон, магистрантону донишҷӯёни Донишгоҳ, муаллифони ихтироот, метавонанд иштирок намоянд.

2.3 Барои гузаронидани озмун кумитаи тадорукотӣ, комиссияи озмун ва гурӯҳи корӣ ташкил карда шуда, бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва татбиқот аз ҷониби Ректор тасдиқ карда мешавад.

2.4 Қарори комиссияи озмун аз ҷониби Ректор тасдиқ карда мешавад.

### 3. Чорабиниҳо ҳангоми ташкили Озмун

3.1 Департаменти илм ва татбиқот бахшида ба Озмун чорабиниҳои зеринро амалӣ мегардонад:

– дархостҳо, маводҳо ва лоиҳаҳоро ба озмун омода месозад;
– барои иштирокчиёни озмун оид ба масъалаҳо вобаста ба омодасозии ҳуҷҷатҳо, иштирок ва пешниҳоди маводҳо машваратҳои лозима медиҳад;
– экспертизаи маводҳои ба Озмун пешниҳодшударо гузаронида, онҳоро ба комиссияи озмун пешниҳод менамояд.

3.2 Комиссияи озмун натиҷаи озмунро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба Шӯрои олимон барои тасдиқ намудани натиҷаҳо ва сарфарозгардонии ғолибони озмун бо мукофотҳо пешниҳод мекунад.

### 4. Тартиби гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмун

4.1 Барои иштирок дар озмун иштирокчиён ба Комиссияи озмунӣ чунин маводҳоро пешниҳод мекунанд:

- ихтироъҳо, макетҳо, моделҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва патентҳо оид ба ихтироот (замимаи 1);
- маълумотҳои муаллифӣ дар бораи моделҳои муфид (замимаи 2);
- нусхаи патентҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумотҳои дар замимаи 2 овардашуда.

4.2 Маводҳоро то 2 рӯз пеш аз рӯзи муайяншудаи озмун Департамети илм ва татбиқот қабул мекунад.

4.3 Озмун ҳар сол ду маротиба дар давоми ҳафтаи сеюми моҳи март, бахшида ба Наврӯзи хуҷастапай ва моҳи ноябр бахшида ба рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тартиби зерин гардонида мешавад:

1) Маводи иштирокчиёни озмун бо холҳо аз рӯи меъёрҳои зерин баҳодиҳӣ карда мешаванд.
   - барои ҳар як ихтироъ/модели муфид, ки дар натиҷаи иҷроиши шартномаҳои аз манбаъхои ғайрибуҷавӣ маблағгузоришаванда - мувофиқан 50/25 хол;
   - барои ҳар як ихтироъ/модели муфиди дар натиҷаи иҷроиши шартномаҳои аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда (шартномаи давлатӣ) мувофиқан 50/25 хол;
   - барои ҳар як ихтироъ/модели муфиди бо ташаббуси шахсӣ бадастоварда, ки ҳуқуқи соҳиби патентиаш ба донишгоҳ дода шудааст, мувофиқан 40/20 хол;
   - барои ҳар як ихтироъ/модели муфид, ки ба он патентҳои хориҷӣ гирифта шудааст мувофиқан 60/30 хол.
2) Ғолиб аз рӯи холҳои зиёдтарини гирифташуда муайян карда мешавад.

### 5. Қадрдонии ғолибони Озмун

5.1 Ғолибони озмун бо ифтихорномаҳо ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд:

**Барои ҷои якум** – ифтихорномаи фахрӣ ва мукофотпулӣ ба маблағи **1500 сомонӣ**;

**Барои ҷои дуюм** – ифтихорномаи фахрӣ ва мукофотпулӣ ба маблағи **1000 сомонӣ**;

**Барои ҷои сеюм** – ифтихорномаи фахрӣ ва мукофотпулӣ ба маблағи **700 сомонӣ.**

Раёсати донишгоҳ бо назардошти имкониятҳои молиявӣ бо пешниҳоди комиссияи Озмун ба тарзи иловагӣ метавонад 3(**се**) **мукофоти хотиравӣ** ва мукофотпулӣ ба маблағи **100 сомонӣ** ба иштирокчиёнифаъол пешбинӣ кунад.

5.2 Ҳамчунин, вобаста аз шароити молиявии донишгоҳ, роҳбарони ғолибони озмун бо мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

5.3 Бо пешниҳоди Департаменти илм ва татбиқот ҳамаи ғолибони Озмун бо **Ифтихорномаи Ректори ДТТ** сарфароз гардонида мешаванд.

5.4 Гузаронидани озмун ва натиҷаҳои он аз тарафи мутасаддии озмун дар сомонаи Донишгоҳ **www.tut.tj**, маҷаллаи “Донишҷӯ ва навгониҳои илму техника” ва рӯзномаи «Фановар» эълон карда мешавад.

**Замимаи 1.**

Ба Низомномаи озмуни «Ихтироъкорони ҷавон» оиди муайян кардани беҳтарин корҳои илмӣ-эҷодии донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён ва омӯзгорони ҷавон

# АРИЗА

барои иштирок дар озмуни «Ихтироъкорони ҷавон» оиди муайян кардани беҳтарин корҳои илмӣ-эҷодии донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён ва омӯзгорони ҷавон

1. Ман, ______________________________________________

**(насаб, ном ва номи падари иштирокчӣ)**

______________________________________________

**(ҷои кор, вазифа ва унвон, (таҳсил, курс ва гурӯх), телефонҳо, E-mail)**

______________________________________________

______________________________________________

аризаи мазкурро бо ҳуҷҷатҳои лозима (замима карда мешаванд) барои иштирок дар озмуни «Ихтироъкорони ҷавон»-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оиди муайян кардани беҳтарин корҳои илмӣ-эҷодии донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён ва омӯзгорони ҷавон пешниҳод менамоям.

Иштирокчии Озмун ________________ ________________________

(имзо) (насаб ва ном)

«_____» ___________________ соли 201____

**Замимаи 2.**

Ба низомномаи озмуни «Ихтироъкорони ҷавон» оиди муайян кардани беҳтарин корҳои илмӣ-эҷодии донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён ва омӯзгорони ҷавон

**Маълумот дар бораи ихтироот, моделҳои муфид ва патентҳо оид ба ихтироот**

| № р/т | Номи ихтироот, модели муфид | Рақам ва санаи додани патент | Макомоте, ки патентро додааст | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | Ҳаммуаллифон – донишҷӯён/устодон | Рақам ва санаи шартномаи литсензионидашуда | Ҷопи маколаҳои илмӣ, нусхаи диплом ва маводҳои дигар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Иштирокчии Озмун ________________ ________________________
(имзо) (насаб ва ном)

«_____» ____________________ соли 201____

**Маълумоти пешниҳодгардидаро тасдиқ менамоям:**

Мудири кафедра ________________ ________________________
(имзо) (насаб ва ном)

«_____» ____________________ соли 201____